**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШКАДАИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

# ҲИСОБОТ
# ДАР ХУСУСИ ПУРСИШИ ШАҲРВАНДОН ОИД БА ИСТИФОДАИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКИЮ МОЛИЯВӢ

**аз 25 январ то 4 феврали соли 2014**
**(баҳо, динамика ва дурнамо)**

**Душанбе**
**«ЭР-граф»**
**2014**

Нашри “Ҳисобот дар хусуси пурсиши шаҳрвандон оид ба истифодаи хизматрасониҳои бонкию молиявӣ” аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон таҳия шудааст. Ин нашрия баҳодиҳӣ, таҳлил ва дурнамои нишондиҳандаҳои хизматрасониҳои низоми бонкию молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Дар нашрияи мазкур пешниҳоду мулоҳизаҳои шаҳрвандон оид ба истифодаи хизматрасониҳои бонкию молиявӣ, ба инобат гирифта шудааст. Пурсиши мазкур мутобиқи шартномаи байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ки аз 15 январи соли 2014 №171-14 баста шудааст, омода гардид. Нашрия бо забони тоҷикӣ ба нашр расонида шуд.

Национальным банком Таджикистана был разработан “Отчёт об опросе граждан по использованию банковских и финансовых услуг”. Данное издание  включает оценку, анализ и прогноз показателей услуг банковской и финансовой системы Республики Таджикистан. В данном издании учтены предложения и замечания граждан по использованию банковских и финансовых услуг.  Данный опрос  был подготовлен в соответствии с подписанным договором между Национальным банком Таджикистана и Институтом финансов и экономики Таджикистана от 15 января 2014 года, №171-14.  Издание опубликовано на таджикском языке.

The National Bank of Tajikistan has developed “Population Survey on banking and financial services”. This publication includes assessment, analysis and forecast of services indicators of banking and financial system of the Republic of Tajikistan. In this publication are considered offers and comments of population on banking and financial services. This survey has prepared according to the signed contract from January 15, 2014 No. 171-14 between National Bank of Tajikistan and Finance and Economy Institute of Tajikistan. The edition is published in the Tajik language.

## МУНДАРИҶА Саҳ.

**Муқаддима**

**Қисми 1. Баҳодиҳии нишондиҳандаҳои хизматрасониҳои бонкию молиявӣ дар соли 2014**

1.1. Маълумоти умумӣ оид ба шахси пурсидашаванда
1.2. Манбаи даромадҳо
1.3. Истифодаи намуди ҳисобҳои бонкӣ
1.4. Истифодаи намуди хизматрасониҳои электронии бонкӣ
1.5. Мақсади истифодаи кортҳои бонкӣ
1.6. Мақсади истифодаи бонки мобилӣ
1.7. Мақсади истифодаи интернет – бонк
1.8. Манбаи маблағҳои интиқоли пулӣ
1.9. Миқдори интиқоли пулӣ
1.10. Истифодаи қарзҳои бонкӣ
1.11. Фоизи пасандозҳо
1.12. Фоизи қарзҳо
1.13. Мухлати қарзҳо
1.14. Мухлати баррасии дархост оид ба додани қарз
1.15. Баҳои хизматрасониҳои қарзии бонкҳо
1.16. Истифодаи маблағҳои пулӣ
1.17. Кумаки хизматрасонии бонкӣ ба муштариён
1.18. Баҳои нуқтаҳои мубодилаи асъор
1.19. Дастрасии маълумот доир ба хизматрасониҳои бонкӣ
1.20. Мушкилот доир ба истифодаи хизматрасониҳои бонкӣ
1.21. Талаби маблағҳои иловагии ғайрирасмӣ барои хизматрасониҳои бонкӣ

**Қисми 2. Таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои хизматрасонии бонкию молиявӣ дар солҳои 2013-2014**

2.1. Динамикаи нишондиҳандаҳои демографӣ – иҷтимоӣ оид ба респондентҳо (шахси пурсидашаванда)

2.2. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо аз рӯи манбаи даромадҳо
2.3. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо аз рӯи намуди истифодаи ҳисобҳои бонкӣ
2.4. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо доир ба истифодаи намуди хизматрасониҳои электронии бонкӣ
2.5. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо доир ба мақсадҳои истифодаи хизматрасонии кортҳои бонкӣ
2.6. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо доир ба мақсадҳои истифодаи бонки мобилӣ
2.7. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо доир ба мақсадҳои истифодаи интернет – бонк
2.8. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо доир ба манбаи маблағҳои интиқоли пулӣ (аз хориҷи кишвар воридшаванда)
2.9. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо доир ба манбаи маблағҳои интиқоли пулӣ (ба хориҷа фиристодашаванда)
2.10. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо доир ба миқдори пули аз хориҷи кишвар воридшаванда
2.11. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо доир ба интиқоли пулии ба хориҷа фиристодашаванда
2.12. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо доир ба истифодаи намудҳои қарзи бонкӣ
2.13. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо доир ба пасандозҳо
2.14. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо доир ба қаноатмандӣ аз фоизи қарзҳо
2.15. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо доир ба қаноатмандӣ аз муҳлати қарзҳо
2.16. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо доир ба қаноатмандӣ аз муҳлати баррасии дархост оид ба додани қарз
2.17. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо доир ба баҳодиҳӣ ба хизматрасонии қарзии бонкӣ
2.18. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо доир ба истифодаи маблағҳои пулӣ

2.19. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо доир ба хизматрасониҳои бонкӣ ба фаъолияти респондентҳо
2.20. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо доир ба баҳодиҳӣ ба хизматрасониҳои нуқтаҳои мубодилаи асъор
2.21. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо доир ба манбаҳои маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ
2.22. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо доир ба мушкилот оид ба истифодаи хизматрасониҳои бонкӣ
2.23. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо доир ба талаби маблағи иловагии ғайрирасмӣ барои хизматрасониҳои бонкӣ

**Қисми 3. Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии хизматрасониҳои бонкию молиявӣ барои соли 2015 дар асоси бузургиҳои миёнаи динамикӣ**

3.1. Дурнамои истифодаи ҳисобҳои бонкӣ барои соли 2015
3.2. Дурнамои истифодаи намуди хизматрасониҳои электронии бонкӣ барои соли 2015
3.3. Дурнамои истифодаи хизматрасонии кортҳои бонкӣ барои соли 2015
3.4. Дурнамои истифодаи бонки мобилӣ барои соли 2015
3.5. Дурнамои истифодаи интернет – бонк барои соли 2015
3.6. Дурнамои маблағҳои интиқоли пулӣ (аз хориҷи кишвар воридшаванда) барои соли 2015
3.7. Дурнамои маблағҳои интиқоли пулӣ (ба хориҷи кишвар фиристодашаванда) барои соли 2015
3.8. Дурнамои миқдори пули аз хориҷи кишвар воридшаванда барои соли 2015
3.9. Дурнамои интиқоли пулии ба хориҷа фиристодашаванда барои соли 2015
3.10. Дурнамои истифодаи намудҳои қарзи бонкӣ барои соли 2015
3.11. Дурнамои пасандозҳо барои соли 2015
3.12. Дурнамои қаноатмандӣ аз фоизи қарзҳо барои соли 2015
3.13. Дурнамои қаноатмандӣ аз мухлати қарзҳо барои соли 2015

3.14. Дурнамои қаноатмандӣ аз муҳлати баррасии дархост оид ба додани қарз барои соли 2015
3.15. Дурнамои баҳодиҳӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ барои соли 2015
3.16. Дурнамои истифодаи маблағҳои пулӣ барои соли 2015
3.17. Дурнамои таъсири хизматрасониҳои бонкӣ ба фаъолияти респондентҳо дар соли 2015
3.18. Дурнамои баҳодиҳӣ ба хизматрасонии нуқтаҳои мубодилаи асъор дар соли 2015

**Қисми 4. Тафсири методологӣ**

4.1. Нишондодҳои методӣ доир ба истифодаи нишондиҳандаҳои тағйирёбии мутлақ ва нисбии қатори динамикӣ дар таҳлили хизматрасониҳои бонкию молиявӣ
4.2. Дурнамо дар асоси нишондиҳандаҳои миёнаи динамикӣ

**Қисми 5. Замима, ҷадвалҳои ҷамъбастии маълумот дар солҳои 2013-2014, варақаҳои коркарди маълумоти пурсиш доир ба ноҳияҳо**

5.1. Замимаи 1: Рӯйхати пурсишгарон
5.2. Замимаи 2: Пурсишномаи шаҳрвандон оид ба истифодаи хизматрасониҳои бонкию молиявӣ
5.3. Дастурамали №2 «Доир ба тартиби гузаронидани пурсиши шаҳрвандон оид ба истифодаи хизматрасониҳои бонкию молиявӣ»
5.4. Диаграммаҳои динамикаи нишондиҳандаҳои хизматрасонии бонкию молиявӣ дар солҳои 2013-2014
5.5. Варақаи коркарди маълумоти пурсиш оид ба истифодаи хизматрасониҳои бонкию молиявӣ дар ноҳияҳои интихобии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

Иқтисодиёти миллӣ омили пуриқтидори муҳити бозорӣ ва таҳкими субъектҳои нави он ба ҳисоб меравад. Дигаргунсозиҳои марбут ба иқтисоди бозорӣ дар ҷумҳурӣ, ҳамчунин мутаносибан инкишофи низоми бонкиро низ талаб менамояд.

Дар айни замон низоми бонкии мамлакат дар марҳилаи нави инкишоф қарор дошта, тадқиқоти назариявӣ ва амалиро доир ба ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти бонкӣ тақозо дорад. Бо мақсади муайян намудани самтҳо ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи муштариёни воқеӣ, бонкҳо дар шароити рақобатпазирӣ сифати пешниҳоди хизматрасониҳои анъанавиро такмил дода, ҳамзамон хизматҳои нави бонкиро пешниҳод менамоянд, ки онҳо ба талаботи муосири инкишофи техникӣ ҷавобгӯ мебошанд. Хусусан, раванди ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди ҷаҳонӣ истифодаи эҷодкоронаи таҷрибаи хизматрасонии бонкҳои мамлакатҳои дорои иқтисоди бозории пешрафтаро дар мамлакат талаб менамояд.

Дар солҳои охир мазмуни фаъолияти бонкӣ тағйир ёфта, мушкилоти таркибӣ ва сохтории хизматрасониҳои бонкӣ аҳамияти бештар пайдо кардааст. Ба аҳолӣ доираи васеи хизматрасониҳои бонкӣ пешниҳод карда мешавад. Муқаррар намудани эътибори бонкҳо доир ба навъи хизматрасонӣ зарурати пурсиши гурӯҳи муштариён, шахсони воқеӣ (аҳолӣ)-ро ба миён овард. Ҳадафи пурсиши гузаронидашуда муайян намудани дараҷаи истифодаи хизматрасониҳои бонкию молиявӣ аз тарафи шаҳрвандон, ҳамзамон муайян кардани ақидаҳои онҳо нисбат ба ҳамагуна хизматрасониҳои бонкию молиявӣ, аз ҷумла мавҷудияти камбудию норасоиҳо, қаноатманд будан ё набудан аз рӯи пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар мебошад. Иҷрои амалии мақсади мазкур имкон фароҳам меоварад, ки хизматрасониҳои бонкию молиявиро ба аҳолӣ беҳтар сохта, доир ба бартараф кардани камбудию норасоиҳои ҷойдошта чораҳои зарурӣ андешида шавад.

Бояд қайд кард, ки пурсиш оид ба истифодаи хизматрасониҳои бонкию молиявӣ дар солҳои 2013-2014 аз 25 январ то 4 феврал гузаронида шуд. Дар пурсиш устодон ва донишҷӯёни Донишкадаи молия ва

иқтисоди Тоҷикистон ҷалб карда шудаанд. Пурсиш тибқи пурсишнома доир ба «Пурсиши шаҳрвандон оид ба истифодаи хизматрасониҳои бонкию молиявӣ» дар миқёси ноҳияҳои интихобӣ, аз ҷумла маҳал, бозор, корхона ва дигар мавзеъҳо гузаронида шуд. Дар пурсиш шахсони синну соли аз 15 то 80 сола ва бештар аз он иштирок карданд.

Баъд аз ҷамъоварии маълумот пурсиш ба мошини электронии ҳисоббарор (МЭҲ) ворид карда шуда, пойгоҳи маълумоти пурсиш барои солҳои 2013 ва 2014 ташкил карда шуд, ки 28 ҷадвали нишондиҳандаҳо барои таҳлил ва 74 диаграммаро дар бар мегирад.

Ҳисобот доир ба истифодаи хизматрасониҳои бонкию молиявӣ аз муқаддима ва панҷ қисм иборат аст.

Қисми якум ба баҳодиҳии нишондиҳандаҳои хизматрасониҳои бонкию молиявӣ дар соли 2014 бахшида шудааст, ки дар он баҳои миқдории маълумоти респондентҳо дар соли 2014 аз рӯи ҷинс, синну сол, макони зист, вазъи оилавӣ, маълумот, соҳаи шуғл, вазифа ва ихтисос рамз дода шудааст. Инчунин, дар ин қисм ҷамъбасти ҷавобҳои додаи респондентҳо доир ба манбаи даромадҳо, истифодаи навъи ҳисобҳои бонкӣ, хизматрасониҳои электронии бонкӣ, кортҳои бонкӣ, бонки мобилӣ, интернет – бонк, манбаи маблағҳои интиқоли пулӣ (аз хориҷи кишвар воридшаванда ва аз кишвар содиршаванда), истифодаи қарзҳои бонкӣ, қаноатмандӣ аз фоизи пасандозҳо, қарзҳо ва муҳлати баррасии онҳо, самтҳои истифодаи маблағҳои пулӣ, таъсири хизматрсониҳои бонкӣ ба фаъолияти респондентҳо, баҳои нуқтаҳои мубодилаи асъор, сарчашмаҳои дастрас намудани маълумот доир ба хизматрасониҳои бонкӣ, мушкилот ва талаби маблағи иловагии ғайрирасмӣ дар шакли диаграммаҳо оварда шудаанд.

Қисми дуюми ҳисоботи мазкур бошад ба таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои хизматрасониҳои бонкию молиявӣ дар солҳои 2013-2014 бахшида шудааст. Дар ин қисмат, динамикаи (таъсири) маълумотҳои ҷамъбастии нишондиҳандаҳои хизматрасониҳои бонкию молиявӣ дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 тасвир гардидааст, ки он бо бузургиҳои мутлақ (нафар) ва нисбӣ (%), инчунин диаграммаҳои муқоисашаванда пешниҳод шудааст.

Қисми сеюми ҳисобот ба дурнамои нишондиҳандаҳои асосии хизматрасониҳои бонкию молиявӣ барои соли 2015 дар асоси бузургиҳои миёнаи динамикӣ бахшида шудааст. Дар асоси нишондиҳандаҳои миё-

наи динамикӣ $(y_p = y_b + \overline{\Delta L})$ дурнамои истифодаи ҳисобҳои бонкӣ, хизматрасониҳои электронии бонкӣ, кортҳои бонкӣ, бонки мобилӣ, интернет – бонк, маблағҳои интиқоли пулӣ, истифодаи қарзи бонкӣ, пасандозҳо, қаноатмандӣ аз фоизи қарзҳо ва муҳлати онҳо, баҳодиҳии респондентҳо ба хизматрасониҳои бонкӣ ва таъсири онҳо ба фаъолияти шаҳрвандон ва нуқтаҳои мубодилаи асъор ҳисоб карда шуда, дар шакли диаграмма тасвир гаштаанд.

Дар қисми чоруми ҳисобот, ки тафсири методологиро дар бар мегирад, шаклу услуби ҳисоб кардани афзоиши мутлақ ва нисбӣ, усули дурнамо дар асоси нишондиҳандаҳои миёнаи динамикӣ шарҳ дода шудааст ва методологияи мазкур дар таҳлили нишондиҳандаҳои хизматрасониҳои бонкию молиявӣ истифода бурда мешавад.

Қисми панҷуми ҳисобот замима, ҷадвалҳои ҷамъбастии маълумот дар солҳои 2013-2014, диаграмма ва варақаҳои коркарди маълумоти пурсиш доир ба ноҳияҳоро дар бар мегирад.

## ҚИСМИ 1.
## БАҲОДИҲИИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКИЮ МОЛИЯВӢ ДАР СОЛИ 2014

### 1.1. Маълумоти умумӣ доир ба шахси пурсидашаванда (респондент)

Дар рафти пурсиш чунин маълумот аз рӯи аломати демографӣ оид ба шахси пурсидашаванда (респондент): ҷинс, синну сол, макони зист, вазъи оилавӣ, маълумот, соҳаи шуғл, вазифа ва ихтисос ҷамъоварӣ карда шуд.

Пурсиш оид ба истифодаи хизматрасониҳои бонкию молиявӣ дар байни 4 976 нафар, аз ҷумла 3 207 нафар мард ва 1 769 нафар зан гузаронида шуд. Ҳиссаи мардон дар ҷамъи умумии пурсидашудагон (респондентон) – 64,4% ва занон 35,6% -ро ташкил намуд.

*Диаграммаи 1. Тақсими респондентҳо аз рӯи ҷинс (нафар, фоиз)*




Сохтори респондентҳо аз рӯи гурӯҳҳои синну солӣ ба таври зайл тавсиф карда мешавад: аз 15 то 19 сола – 60 нафар, 20-24 сола – 379 нафар, 25-29 сола – 737 нафар, 30-34 сола – 692 нафар, 35-39 сола – 674 нафар, 40-44

сола – 735 нафар, 45-49 сола – 566 нафар, 50-54 сола – 454 нафар, 55-59 сола – 269 нафар, 60-64 сола – 220 нафар, 65-69 сола – 123 нафар, 70-74 сола – 49 нафар, 75-79 сола – 12 нафар ва 80 сола ва калон – 6 нафар.

***Диаграммаи 2. Тақсими респондентҳо аз рӯи гурӯҳҳои синну сол (нафар)***




Тавре ки дар аксарияти мамлакатҳои Ғарб муқаррар шудааст, сегментатсияи бозори хизматрасонии бонкию молиявӣ имкон медиҳад, ки хусусияти гурӯҳҳои синну соли респондентҳо ва талаботи онҳо ба навъҳои хизматрасониҳои бонкӣ ба таври зерин тавсиф карда шавад:

***Ҷадвали 1. Гурӯҳбандии синну соли респондентҳо***

| Сину сол | Мақсади шахс |
|---|---|
| I Ҷавонон (15-25 сола) | Донишҷӯён; шахсоне, ки бори аввал соҳиби кор шудаанд; шахсоне, ки барои бунёди оила омодагӣ мебинанд. |
| II Шахсони ҷавон, ки ба наздикӣ оиладор шудаанд (25-30 сола) | Шахсоне, ки бори аввал хона ва молҳои истеъмолии дуру дароз истифодашаванда харидорӣ менамоянд. |
| III Оилаи собиқадор (25-45 сола) | Шахсоне, ки соҳиби мартабаи баланд шудаанд, вале дорои маҳдудияти амалиёти молиявии озод мебошанд. Мақсади чунин шахсон – беҳтар намудани шароити манзил, таъминоти ҳифзи молиявии оила ва маълумотгирии фарзандон мебошад. |
| IV Шахсони ба камол расида (40-55 сола) | Дар чунин гурӯҳи одамон афзоиши даромад, аммо андозаи камшавии уҳдадориҳои молиявӣ мушоҳида карда мешавад. Мақсади асосии ин гурӯҳ банақшагирии таъминоти нафақа мебошад. |
| V Шахсоне, ки барои баромадан ба нафақа омодагӣ мебинанд (ё ин ки ба нафақа баромадаанд) – (55 сола ва калон) | Шахсоне, ки дорои сармояи ҷамъшуда мебошанд ва доимо кӯшиш менамоянд, ки онро нигоҳ дошта, даромади устувори худро таъмин намоянд. |

Тибқи тавсифи хусусиятҳои фарққунандаи гурӯҳҳои синну сол, метавон бо бузургиҳои мутлақ ва нисбӣ теъдоди категорияҳои респондентҳоро дар маҷмӯъ баҳо дод:

Ҳиссаи категорияи синну соли респондентҳо, ки талаботи онҳо ба навъи хизматрасониҳои бонкию молиявӣ аз рӯи давомнокии умр гуногун аст, ба таври зайл баҳо дода мешавад: аз 15 то 25 сола (ҷавонон) – 439 нафар (8,8%), 25-30 сола (шахсони ҷавон, ки ба наздикӣ оиладор шудаанд) – 737 нафар (14,8%), 25-45 сола (оилаҳои собиқадор) – 2101 нафар (42,2%), 40-55 сола (шахсони ба камол расида) – 1020 нафар (20,5%) ва 55 сола ва калон (шахсоне, ки барои баромадан ба нафақа омодагӣ мебинанд ё ин ки ба нафақа баромадаанд) – 679 нафар (13,7%).

*Ҷадвали 2. Категорияҳои сину соли респондентҳо*

| Категорияи синну соли респондент, сол | Бузургиҳо | |
|---|---|---|
| | **Мутлақ, нафар** | **Нисбӣ, % аз ҷамъи умумии категорияи синну сол** |
| I 15-25 | 439 | 8,8 |
| II 25-30 | 737 | 14,8 |
| III 30-45 | 2101 | 42,2 |
| IV 40-55 | 1020 | 20,5 |
| V 55 ва калон | 679 | 13,7 |

Макони зисти респондентҳо асосан шаҳр, шаҳрак ва деҳот мебошад. Дараҷаи хизматрасониҳои бонкӣ, аз рӯи маҳалли зист дар сатҳи ноҳияҳои интихобшуда тафовут дорад.

Теъдоди респондентҳо дар шаҳр – 542 нафар (10,9%), шаҳрак – 1109 нафар (22,3%) ва деҳот – 3 325 нафар (66,8%) аст. Чунин интихоби макони зист аз он шаҳодат медиҳад, ки асосан аҳолии муқимии деҳот барои истифодаи васеи хизматрасониҳои бонкӣ эҳтиёҷоти бештар доранд.

***Диаграммаи 3. Тақсими респондентҳо аз рӯи макони зист (нафар, фоиз)***



Вазъи оилавии респондентҳо дар маҷмӯъ 4 976 нафарро ташкил дода, дар таркиби он ҳиссаи оиладор – 4 298 нафар (86,4%), муҷаррад – 483 (9,7%) ва аз зан (шавҳар) ҷудошуда – 195 нафар (3,9%) аст.

***Диаграммаи 4. Тақсими респондентҳо аз рӯи вазъи оилавӣ (нафар)***




Тавсифи таркиби вазъи оилавии респондентҳо нишон дод, ки дар гузаронидани пурсиш ҳиссаи оиладорон нисбат ба ҳиссаи муҷаррад ва аз зан (шавҳар) ҷудошуда зиёд аст. Яъне, ҳиссаи оиладорҳо доир ба истифодаи хизматрасониҳои бонкию молиявӣ зиёд буда, онҳо барои такомули низоми бонкӣ фикру ақидаҳои хешро пешниҳод намуданд.

Таҷриба нишон дод, ки барои омӯзиши сегментатсияи бозори хизматрасонии бонкӣ маълумотдории респондентҳо нақши калон мебозад. Хусусан сатҳи маълумотдории шаҳрвандон, ки ба саволҳои пурсишнома ҷавоб доданд, сифатан фарқ мекунад.

Ба саволҳои пурсишнома 1723 нафар (35,0%) маълумоти олидор, 757 нафар (15,2%) соҳиби маълумоти олии нопурра, 914 нафар (18,4%) шахсони дорои маълумоти миёнаи махсус, 395 нафар (7,9%) маълумоти касбӣ – техникӣ, 1094 нафар (22,0%) маълумоти миёнаи умумӣ ва 83 нафар (1,7%) дигар ҷавоб доданд. Танҳо 10 нафар респондент ба саволи мазкур аз додани ҷавоб мушкилӣ кашид.

***Диаграммаи 5. Тақсимоти респондентҳо аз рӯи дараҷаи маълумотнокӣ (нафар, фоиз)***




Соҳаи шуғли респондентҳо, ки дар пурсиш иштирок доштанд, гуногун аст. Метавон ҳиссаи респондентҳоро аз рӯи сохтори шуғл чунин баҳо дод: хизмати давлатӣ – 1189 нафар (23,8%), иқтисодӣ ва молия 347 нафар (6,9%), кишоварзӣ – 651 нафар (13,2%), тиҷорат – 766 нафар (15,4%), нақлиёт – 476 нафар (9,6%), хизматрасонии маишӣ – 214 нафар (4,3%), хизматрасонии хӯроки умумӣ – 131 нафар (2,6%), хонашин – 497 нафар (10,0%) ва дигар – 705 нафар (14,2%).

***Диагараммаи 6. Тақсими респондентҳо аз рӯи дараҷаи соҳаи шуғл (нафар)***



Аз рӯи маълумотҳои овардашудаи диаграммаи 6 баръало намоён аст, ки 87,0 фоизи респондентҳо дар соҳаи хизматрасонӣ ва танҳо 13,0 фоизи онҳо дар соҳаи истеҳсоли молҳо шуғл доранд.

Таснифоти респондентҳо аз рӯи вазифа чунин аст: хизматчӣ, соҳибкор, коргари кироя, худкордеҳ, нафақахӯр ва дигар. Дар рафти пурсиш оид ба чунин намудҳои вазифа маълумот ҷамъоварӣ карда шуда, натиҷаи он бо тарзи зайл баҳо дода шуд: хизматчӣ – 1299 нафар (26,1%), соҳибкор – 929 нафар (18,7%), коргари кироя – 405 нафар (8,1%), худкордеҳ – 562 нафар (11,3%), нафақахӯр – 274 нафар (5,5%) ва дигар – 1067 нафар (21,4%).

Барои ҷавоби саволи мазкур 440 нафар (8,9%) мушкилӣ кашидаанд.

***Диаграммаи 7. Тақсими респондентҳо аз рӯи вазифа (нафар)***




Дар асоси номгӯйи вазифаҳо аз рӯи таснифгари умумиҷумҳуриявии касбҳои коргарӣ, вазифаҳои хизматчиён ва дараҷаи тарифӣ, ки Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, аз теъдоди умумии респондентҳо 156 нафар омӯзгори мактаби олӣ, 378 нафар муаллими мактаби миёна, 38 нафар корманди бонк, 23 нафар рассом, 214 нафар иқтисоддон, 44 нафар коршинос, 91 нафар барққор, 49 нафар техник, 25 нафар технолог, 37 нафар молшинос, 40 нафар мураббӣ, 19 нафар ҷомеашинос, 23 нафар муфаттиш, 150 нафар ҳамшираи тиббӣ, 22 нафар рӯҳшинос, 35 нафар

барномасоз, 26 нафар тарҷумон, 40 нафар механик, 127 усто, 46 нафар муҳандис, 49 нафар дандонпизишк, 27 нафар зоотехник, 57 нафар байтор, 205 нафар муҳосиб, 39 нафар геолог, 19 нафар миёнарав, 18 нафар меъмор, 66 нафар агроном, 72 нафар ҳунарпеша, 8 нафар агент, 58 нафар ҳуқуқшинос, 294 нафар ронанда, 359 нафар савдогар, 228 нафар тоҷир, 30 нафар корманди хизмати маишӣ, 2 нафар моҳипарвар, 165 нафар фермер ва 1697 нафар аз рӯи дигар ихтисосҳо дар пурсиши гузаронидашуда иштирок намуданд.

Ҳиссаи аз ҳама зиёд дар пурсиши мазкур – ин муаллимони мактаби таҳсилоти умумӣ (миёна) – 7,6%, иқтисоддонон – 4,3%, ҳамшираҳои тиббӣ – 3,0%, муҳосибон – 4,1%, ронандагон – 5,1% мебошанд.

***Диаграммаи 8. Тақсими респондентҳо аз рӯи таснифгари касбҳо (нафар)***



## 1.2. Манбаи даромадҳо

Даромад мафҳуми сермаъно мебошад. Аз ин хотир дар пурсиши таҳқиқотии гузаронидашуда доир ба истифодаи хизматрасониҳои бонкию молиявӣ чунин таркиби манбаҳои даромади респондентҳо муайян карда шуд: музди меҳнат, нафақа, фаъолияти соҳибкорӣ, фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, тиҷорати хурд, интиқоли пул, кӯмакпулии иҷтимоӣ, ёрии хешовандон, миёнаравӣ ва даромадҳои дигар.

Респондентҳое, ки як ва зиёда манбаи даромадҳои худро номбар намудаанд, дар маҷмӯъ 6922 нафар, аз ҷумла музди меҳнат – 2247 нафар (32,5%), нафақа – 336 нафар (4,9%), фаъолияти соҳибкорӣ – 799 нафар (11,5%), фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ – 869 нафар (12,6%), тиҷорати хурд – 603 нафар (8,7%), интиқоли пул – 491 нафар (7,1%), кӯмакпулии иҷтимоӣ – 142 нафар (2,1%), ёрии хешовандон – 398 нафар (5,7%), миёнаравӣ – 100 нафар (1,4%) ва даромадҳои дигар 597 нафар (8,6%) мебошанд.

***Диаграммаи 9. Тақсимоти респондентҳо доир ба манбаи даромадҳо(нафар)***



### 1.3. Истифодаи навъи ҳисобҳои бонкӣ

Дар натиҷаи ҷамъбасти маълумотҳои пурсишнома муқаррар карда шуд, ки зиёда аз 72,0 фоизи респондентҳо навъи гуногуни ҳисобҳои бонкиро дар фаъолияти худ истифода менамоянд. Танҳо 28,0 фоизи респондентҳо ягон навъи ҳисобҳои бонкиро истифода намебаранд.

Теъдоди истифодабарандагони ҳисобҳои амонатӣ бо пули миллӣ (сомонӣ) – 1515 нафар, ҳисобҳои амонатӣ бо асъори хориҷӣ – 425 нафар, ҳисобҳои қарзӣ – 1076 нафар ва ҳисобҳои дигар – 128 нафарро ташкил медиҳад. Сохтори истифодабарандагони ҳисобҳои бонкӣ чунин аст: ҳисоби амонатӣ бо сомонӣ – 27,9%, ҳисоби амонатӣ бо асъори хориҷӣ– 7,8%, ҳисоби қарзӣ – 19,8% ва ҳисобҳои дигар – 2,4%. Ба саволи мазкур барои ҷавоб додан 777 нафар, ё ин ки 14,3%-и респондентҳо мушкилӣ кашиданд. Теъдоди 1512 нафар респондентҳо ҷавоб доданд, ки ҳисобҳои бонкиро истифода намебаранд.

***Диаграммаи 10. Тақсими респондентҳо доир ба истифодаи навъи ҳисобҳои бонкӣ (нафар)***




## 1.4. Истифодаи навъи хизматрасониҳои электронии бонкӣ

Бояд қайд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ташаккулёбии иқтисоди бозорӣ қарор дорад, ки низоми бонкии кишвар низ ба ҳамин муносиб амал карда истодааст. Бонк ҳамчун субъекти иқтисодиёт барои нигоҳ доштани устувории мавқеи худ, вазифаҳои иттилоотӣ, коммуникатсионӣ ва маркази маслиҳатдиҳиро барои ҳамаи гурӯҳҳои муштариёни худ, аз ҷумла шахсони воқеӣ иҷро мекунад.

Бинобар он, бонк бояд диққати асосиро ба сатҳи таъмини технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ, миқдор, андоза ва сифати хизматрасониҳои иттилоотӣ, ки ба муштариён пешниҳод менамояд, равона созад. Дар навбати худ, рӯз то рӯз талаботи муштариён ба як қатор хизматрасониҳои муосири электронии бонкӣ меафзояд.

Дар рафти пурсиш муқаррар карда шуд, ки 1045 нафар (21,0%) кортҳои пардохт, 276 нафар (5,5%) бонки мобилӣ, 115 нафар (2,3%) интернет-бонкӣ ва 118 нафар (2,4%) дигарро истифода мебаранд. Ҳиссаи респондентҳо, ки ягон навъи хизматрасониҳои электронии бонкиро

истифода намебаранд 989 (19,9%) ва аз ҷавоб додан ба саволи мазкур мушкилӣ кашидаанд, 2566 нафар (51,6%) –ро ташкил дод.

***Диаграммаи 11. Тақсими респондентҳо доир ба хизматрасониҳои электронии бонкӣ (нафар)***




## 1.5. Мақсади истифодаи кортҳои бонкӣ

Кортҳои бонкӣ шакли пешқадами ташкили ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ба шумор меравaнд. Дар Тоҷикистон мувофиқи ҷавоби респондентҳо корти бонкӣ асосан барои гирифтани музди меҳнат, нафақа, пардохти хизматрасонии коммуналӣ, гирифтани интиқоли пулӣ, харидории молу хизматҳо ва дигар пардохтҳо истифода бурда мешавад.

Аз маҷмӯи респондентҳо кортҳои бонкиро 1323 нафар (25,6%), барои гирифтани музди меҳнат, 316 нафар (6,1%) барои гирифтани нафақа, 244 нафар (4,7%) барои пардохти хизматрасонии коммуналӣ, 361 нафар (6,9%) барои гирифтани интиқоли пулӣ, 177 нафар (3,4%) барои харидории молу хизматрасонӣ ва 655 нафар (12,7%) барои дигар пардохтҳо истифода мебаранд. Танҳо 2091 нафар (40,5%) барои ҷавоб додан ба ин савол мушкилӣ кашиданд. Сатҳи истифодаи кортҳои бонкӣ дар байни респондентҳо 59,5%-ро ташкил медиҳад. Маълумот доир ба мақсади истифодаи кортҳои бонкӣ дар диаграммаи 12 оварда шудааст.

*Диаграммаи 12. Тақсими респондентҳо доир ба мақсадҳои истифодаи кортҳои бонкӣ (нафар)*



### 1.6. Мақсади истифодаи бонкӣ мобилӣ

Барои муқаррар намудани мақсадҳои истифодаи бонки мобилӣ дар пурсишнома якчанд қисм оварда шудааст, аз ҷумла: пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ, адои қарз, маблағгузорӣ ба ҳисоби бонкӣ, пардохти хизматрасонии телефонии мобилӣ, пардохти хариди молу ашё, пардохти фурӯши молу ашё ва дигар хизматрасониҳо. Респондентҳо то ҳадди имкон тавонистанд, ки мақсадҳои худро доир ба истифодаи бонки мобилӣ баён намоянд.

***Диаграммаи 13. Тақсими респондентҳо доир ба мақсадҳои истифодаи бонки мобилӣ (нафар)***




Аз теъдоди умумӣ 552 нафар (10,8%) респондент ба мақсади пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ, 228 нафар (4,5%) барои адои қарз, 156 нафар (3,1%) барои маблағгузорӣ ба ҳисоби бонкӣ, 1351 нафар (26,5%) барои пардохти хизматрасонии телефони мобилӣ, 127 нафар (2,5%) барои пардохти хариди молу ашё, 215 нафар (4,2%) барои пардохти молу ашё ва 2466 нафар (48,4%) барои дигар хизматрасониҳо бонки мобилиро истифода намуданд. Маълумот доир ба мақсадҳои истифодаи бонки мобилӣ дар диаграммаи 13 оварда шудааст.

## 1.7. Мақсади истифодаи интернет - бонк

Интернет–бонк идора кардани ҳисобҳои муштариён ба воситаи шабакаи Интернет мебошад. Ин амал ба бонкҳо имкон медиҳад, ки хизматрасонии худро бо воситаи шабакаҳои электронӣ бо мақсади босифат ва саривақти анҷом додани фаъолияти муштариён истифода намоянд, ки дар натиҷа муштариён дорои сатҳи васеи хизматрасониҳои бонкӣ мегарданд.

Албатта, айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалиёти бонкӣ бо воситаи интернет–бонк бо таври кофӣ истифода намешавад, вале дар дурнамои оянда ин тарзи фаъолият барои муштариён метавонад яке аз навъҳои асосии фаъолият гардад. Аз ин хотир, бонкҳо бефосила ҷидду ҷаҳд менамоянд, ки ин низоми хизматрасониро ба таври пурра ҷорӣ намуда, ба муштариёни худ ба воситаи Интернет ҳамкории наздик ба роҳ монанд.

Қайд кардан бо маврид аст, ки ҳадафҳои истифодаи интернет–бонк гуногун мебошад. Бинобар ин, дар саволномаи пурсиш оид ба истифодаи интернет – бонк ба мақсадҳои зайл саволҳо таҳия карда шуд: пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ, адои қарз, маблағгузорӣ ба ҳисоби бонкӣ, пардохти хизматрасонии телефони мобилӣ, пардохти хариду фурӯши молу ашё ва дигар хизматрасониҳо.

Мутобиқи маълумоти диаграммаи 14 респондентҳо мақсади истифодаи интернет–бонк ва ҳадафҳои истифодаи онро баён намудаанд, ки метавон онро ба таври зайл шарҳ дод: 502 нафар (9,9%) барои пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ, 206 нафар (4,1%) барои адои қарз, 153 нафар (3,0%) барои маблағгузорӣ ба ҳисоби бонкӣ, 1290 нафар (25,4%) барои пардохти хизматрасонии телефонҳои мобилӣ, 95 нафар (1,9%) барои пардохти хариди молу ашё, 34 нафар (0,6%) барои пардохти фурӯши молу ашё ва 2800 нафар (55,1%) барои дигар хизматрасониҳо.

Бояд ёдовар шуд, ки тамоюли инкишофи навъҳои хизматрасонии бонкии электронӣ ба гурӯҳҳои муштариёни бонкҳо тақозои замон мебошад. Бо истифода аз ин тарзи амалиёти бонкӣ талаботи аҳолӣ доир ба пардохтҳои мухталиф сари вақт қонеъ гардонида шуда, суръати гардиши пул дар иқтисод тезонида мешавад.

*Диаграммаи 14. Тақсими респондентҳо доир ба мақсади истифодаи интернет-бонк (нафар)*




## 1.8. Манбаи маблағҳои интиқоли пулӣ

### 1.8.1. Маблағҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда

Дар сатҳи ҷумҳурӣ гардиши интиқоли маблағҳои хориҷӣ (маблағҳои пулии аз хориҷи кишвар воридшаванда ва ба хориҷи кишвар содиршаванда) сол то сол зиёд шуда истодааст. Мувофиқи ҷавоби респондентҳо манбаъҳои интиқоли пул гуногун мебошанд. Барои гурӯҳбандӣ кардани онҳо дар пурсишнома доир ба манбаи маблағҳои интиқоли пулии аз хориҷи кишвар воридшаванда саволҳои зерин ворид карда шуд, ки респондентҳо ба таври зайл ба онҳо ҷавоб гардониданд: музди кор – 892 нафар (16,9%), нафақа – 121 нафар (2,3%), фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ– 212 нафар (4,0%), фаъолияти соҳибкорӣ – 280 нафар (5,3%), ёрӣ аз хешовандон – 1364 нафар (25,9%), алимент – 41 нафар (0,78%), кӯмакпулӣ – 127 нафар (2,4%) ва дигар манбаҳо – 156 нафар (2,9%), теъдоди 2072 нафар (39,4%) доир ба манбаи маблағи интиқоли пулии аз хориҷи кишвар воридшавандаашон ҷавоб надоданд.

Ҳиссаи респондентҳо, ки аз хориҷи кишвар соҳиби маблағҳои интиқоли пулӣ мебошанд, 60,6 фоизро ташкил медиҳад. Маълумот доир ба манбаи интиқоли маблағҳои пулии аз хориҷи кишвар воридшаванда дар диаграммаи 15 оварда шудааст.

***Диаграммаи 15. Тақсими респондентҳо доир ба интиқоли маблағҳои пулӣ аз хориҷа (нафар)***



### 1.8.2. Маблағҳои ба хориҷа фиристодашаванда

Теъдоди респондентҳое, ки аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои хориҷӣ маблағҳои пулӣ интиқол медиҳанд, аз рӯи ҳамаи манбаъҳо дар маҷмӯъ 1009 нафар (20,1%), аз ҷумла музди меҳнат – 184 нафар (3,7%), нафақа – 252 нафар (5,0%), фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ – 96 нафар (1,9%), фаъолияти соҳибкорӣ – 149 нафар (2,9%), ёрӣ ба хешовандон – 170 нафар (3,4%), алимент – 19 нафар (0,4%), кӯмакпулӣ – 41 нафар (0,8%) ва дигар манбаҳо – 98 нафар (1,9%) –ро ташкил медиҳад.

Теъдоди 3967 нафар респондентҳо хизматрасонии интиқоли маблағҳои пулии ба хориҷа фиристодашавандаро истифода намебаранд.

Маълумот доир ба манбаи интиқоли маблағҳои пулии ба хориҷа фиристодашаванда дар диаграммаи 16 оварда шудааст.

***Диаграммаи 16. Тақсими респондентҳо доир ба интиқоли маблағҳои пулӣ ба хориҷа (нафар)***


Надорам
3967
Дигар манбаҳо
98
Кӯмакпулӣ
41
Алимент
19
Ёрӣ ба хешовандон
170
Фаъолияти соҳибкорӣ
149
Фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ
96
Нафақа
252
Музди кор
184
0
500
1000
1500
2000
2500
3000
3500
4000
4500

## 1.9. Миқдори интиқоли пулие, ки респондентҳо мегиранд/мефиристанд

### 1.9.1. Миқдори интиқоли пулии аз хориҷи кишвар воридшаванда

Давомнокии муҳлати интиқоли пулии аз хориҷи кишвар воридшаванда ва ба хориҷи кишвар содиршаванда на танҳо ба суръати гардиши интиқоли пулӣ, инчунин ба нишондиҳандаҳои ҳаҷми ғунҷоиши бозори пул (бозори асъор) таъсир мерасонад. Воридшавии маблағҳои пулӣ аз хориҷи кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи аломати муҳлатнокӣ дар байни респондентҳо гуногун аст.

Теъдоди 1607 нафар (30,5%) ҷавоб доданд, ки як маротиба дар як моҳ, 228 нафар (4,3%) ду маротиба дар як моҳ, 559 нафар (10,6%) як маротиба дар се моҳ, 274 нафар (5,2%) як маротиба дар ним сол ва 217 нафар (4,1%) як маротиба дар як сол аз хориҷи кишвар соҳиби маблағҳои пулӣ мегарданд. Аз ҷамъи умумии респондентҳо, ҳамагӣ 58,5 фоизи онҳо дар муҳлатҳои нишондодашуда интиқоли пулӣ аз кишварҳои хориҷӣ ба даст меоранд. Маълумот доир ба давраҳои воридшавии интиқоли пулӣ аз хориҷи кишвар дар диаграммаи 17 оварда шудааст.

***Диаграммаи 17. Тақсими респондентҳо аз рӯи муҳлати интиқоли пулии аз хориҷи кишвар воридшаванда (нафар)***



### 1.9.2. Миқдори интиқоли пулии ба хориҷа содиршаванда

Респондентҳо дар рафти пурсиш посух доданд, ки ба хориҷи кишвар маблағҳои пулӣ интиқол медиҳанд ва аз рӯи муҳлати вақти мухталиф он амалӣ карда мешавад.

Тибқи маълумоти овардашудаи диаграммаи 18 теъдоди интиқолдиҳандагон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа дар муҳлатҳои гуногун 362 нафар буда, ҳиссаи онҳо дар маҷмӯи респондентҳо 7,3 фоизро ташкил медиҳад.

Аз маҷмӯи респондентҳо 94 нафар (1,9%) ҷавоб доданд, ки як маротиба дар як моҳ - 72 нафар (1,4%), ду маротиба дар як моҳ - 75 нафар (1,5%), як маротиба дар се моҳ - 50 нафар (1,0%) ва як маротиба дар як сол 71 нафар (1,4%) аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои хориҷӣ маблағҳои пулӣ мефиристанд.

***Диаграммаи 18. Тақсимоти респондентҳо – интиқолдиҳандагони маблағҳои пулӣ ба хориҷа (нафар)***



## 1.10. Истифодаи қарзҳои бонкӣ

Мушоҳидаи сегментатсияи бозори хизматрасонии бонкӣ баръало нишон дод, ки гурӯҳи шахсони воқеӣ қарзҳои бонкиро дар фаъолияти худ аз рӯи ҳадафҳои гуногун истифода менамоянд. Қарзҳои бонкӣ барои шахсони воқеӣ трансферте мебошанд, ки баъд аз истифода боз ба соҳиби аслии онҳо тибқи риояи принсипҳои қарздиҳӣ бозгардонида мешаванд.

Оид ба истифодаи қарзҳои бонкӣ аз рӯи қисматҳои нишондодашудаи пурсишнома респондентҳо ҷавобҳои гуногун доданд, ки маълумоти ҷамъбастӣ дар диаграммаи 19 оварда шудааст.

Аз маҷмӯи респондентҳо истифодабарандагони навъҳои қарзҳои бонкӣ 3637 нафар ё ин ки 65,5 фоизро ташкил мекунанд. Теъдоди 888 нафар (16,0%) респондентҳо ҷавоб доданд, ки қарзи бонкиро ба мақсади истеъмолӣ, 213 нафар (3,8%) – хариди ҷиҳози хона, 215 нафар (3,9%) – таъмири хона, 135 нафар (2,4%) – хариди манзил, 265 нафар (4,8%) – сохтмони манзил, 194 нафар (3,5%) – хариди автомобил, 432 нафар (7,8%) – истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, 77 нафар (1,4%) – хизмати маишӣ, 675 нафар (12,2%) – соҳибкорӣ, 285 нафар (5,1%) – муҳоҷирати меҳнатӣ, 258 (4,6%) ва 1915 нафар (34,5%) истифода мебаранд.

***Диаграммаи 19. Тақсими респондентҳо доир ба истифодаи қарзҳои бонкӣ (нафар)***




## 1.11. Фоизи пасандозҳо

Пасандоз – маблағи пулии шахсони воқеиест, ки дар шароити ҳозира дар бонкҳо бо мақсади гирифтани даромад гузошта шудааст.

Доир ба қаноатмандӣ аз фоизи пасандозҳо респондентҳо ҷавобҳои гуногун доданд, ки натиҷаи он чунин аст: 646 нафар (12,9%) – баланд мебошад, 898 нафар (17,9%) – миёна аст, 616 нафар (12,3%) – қобили қабул аст, 1246 нафар (24,9%) – паст мебошад. Теъдоди 1397 нафар (27,9%) респондентҳо барои ҷавоб гардонидан ба саволи мазкур мушкилӣ кашидаанд. Маълумот доир ба қаноатмандии респондентҳо аз фоизи пасандозҳо дар диаграммаи 20 оварда шудааст.

***Диаграммаи 20. Тақсими респондентҳо доир ба қаноатмандӣ аз фоизи пасандозҳо (нафар)***


Ҷавоб мушкил аст
Дигар
Паст мебошад
Қобили қабул аст
Миёна аст
Баланд мебошад
1397
197
1246
616
898
646
0
200
400
600
800
1000
1200
1400
1600

## 1.12. Фоизи қарзҳо

Дар замони муосир муайян кардани қаноатмандии респондентҳо ва умуман шахсони воқеӣ яке аз тарзҳои танзими қарздиҳӣ ба ҳисоб меравад. Зеро фоизи қарз маблағест, ки қарзгиранда (муштарӣ) ба қарздиҳанда (бонк) барои истифодаи қарзи додашуда пардохт менамояд. Бинобар он, мизони меъёри қарз андозаи муайянкунандаест, ки муносибати тарафайни қарздиҳанда (бонк) ва қарзгирандаро (муштарӣ) аз нигоҳи иқтисодӣ ва молиявӣ ба танзим медарорад.

Дар асоси маълумоти нишондодашудаи диаграммаи 20 мушаххасан муайян кардан мумкин аст, ки аз маҷмӯи умумии респондентҳо доир ба қаноатмандӣ аз фоизи қарзҳо 1928 нафарашон (38,7%) ҷавоб доданд, ки меъёр баланд мебошад, 911 нафар (18,3%) – миёна аст, 723 нафар (14,5%) – қобили қабул аст, 174 нафар (3,5%) – паст мебошад ва 1077 нафар (21,6%) барои ҷавоб додан ба ин савол мушкилӣ кашиданд.

Маълумот доир ба қаноатмандӣ аз фоизи қарзҳо дар диаграммаи 21 оварда шудааст.

***Диаграммаи 21. Тақсими респондентҳо доир ба қаноатмандӣ аз фоизи қарзҳо (нафар, фоиз)***




## 1.13. Мухлати қарзҳо

Дар мухлати муқарраршуда баргардонидани қарз ҳамчун принсипи муҳими қарздиҳӣ на танҳо муносибати устувори байни қарзгир (муштарӣ) ва қарздиҳандаро (бонк) ифода менамояд, инчунин механизме мебошад, ки амнияти қарзиро таъмин мекунад.

Натиҷаи пурсиши шаҳрвандон имкон дод, ки теъдоди қаноатмандии респондентҳо аз мухлати қарзҳо тибқи саволҳои муқарраршудаи пурсишнома чунин баҳо дода шавад: 624 нафар (12,5%) – хеле бад, 813 нафар (16,3%) – бад, 1 854 нафар (37,2%) – қаноатбахш, 545 нафар (10,9%) – хуб, 186 нафар (3,7%) – хеле хуб. Маълумот оид ба қаноатмандии респондентҳо аз мухлати қарзҳо дар диаграммаи 22 оварда шудааст.

***Диаграммаи 22. Тақсими респондентҳо доир ба қаноатмандӣ аз мухлати қарзҳо (нафар, фоиз)***




### 1.14. Мухлати баррасии дархост оид ба додани қарз

Мушоҳидаҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки ташаккули қарзҳои мушкилситон дар сохтори ташкилотҳои қарзӣ ба чашм мерасад. Ин нишондод водор месозад, ки қарздиҳандаҳо бефосила оид ба фаророасии муҳлати бозгардонии қарзҳои додашуда ба муштариёни худ бо тарзи шифоҳӣ, ё ин ки хаттӣ дархост намоянд.

Бо ибораи дигар, байни қарздиҳанда ва қарзгиранда шартнома ба имзо расонида, ба таври ҳатмӣ ба қарзгиранда ҷадвали пардохти қарз пешкаш карда мешавад. Ин амал маънои онро дорад, ки аз тарафи қарзгиранда принсипи қарзгирӣ (муҳлатнокӣ) бояд риоя карда шавад. Ризоияти қарзгирандаҳо оид ба баррасии дархост нисбат ба додани қарз аз ҷавобҳои онҳо муайян карда мешавад.

Теъдоди ҷавобҳои додашудаи респондентҳо оид ба саволи мазкур ба шакли зерин сурат гирифтааст: 535 нафар (10,7%) – хеле бад, 678 нафар (13,6%) – бад, 1 751 нафар (35,1%) – қаноатбахш, 664 нафар (13,3%) – хуб,

238 нафар (4,8%) – хеле хуб баҳо доданд. Шахсоне, ки барои ҷавоб додан ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд, 1 119 нафар (22,4%)-ро ташкил доданд. Маълумот доир ба қаноатмандӣ аз муҳлати баррасии дархост оид ба додани қарз дар диаграммаи 23 оварда шудааст.

***Диаграммаи 23. Тақсимоти респондентҳо оид ба қаноатмандӣ аз муҳлати баррасии дархост оид ба додани қарз (нафар, фоиз)***




## 1.15. Баҳои хизматрасонии қарзи бонкӣ

Респондентҳо ба сатҳи хизматрасонии қарзи бонкӣ чунин баҳогузорӣ намуданд: 439 нафар (9,0%) – хеле бад, 458 нафар (9,0%) – бад, 1783 нафар (36,0%) – қаноатбахш, 965 нафар (16,5%) – хуб ва 279 нафар (6,0%) – хеле хуб. Ҳиссаи респондентҳое, ки ҳангоми ба саволи мазкур ҷавоб додан мушкилӣ кашиданд, 1929 нафар (39,0%)-ро ташкил намуд. Маълумот доир ба баҳои хизматрасонии қарзи бонкӣ дар диаграммаи 24 оварда шудааст.

***Диаграммаи 24. Тақсимоти респондентҳо доир ба баҳои хизматрасонии қарзи бонкӣ (нафар, фоиз)***


Ҷавоб мушкил аст 1929
Хеле бад 439
Бад 458
Қаноатбахш 1783
Хуб 965
Хеле хуб 279

## 1.16. Истифодаи маблағҳои пулӣ

Таъмини сатҳи некуаҳволии мардум, ки шарти асосии сиёсати Ҳукумати ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад, аз маҷмӯи шароит ва омилҳои истифодаи маблағҳои пулӣ иборат мебошад. Пӯшида нест, ки маблағҳои пулӣ - дороиҳои бозоргир мебошанд, харочот – камшавии арзиши холиси даромадҳои аҳолӣ буда, масраф намудани пул бояд аз рӯи мақсади муайян бошад. Бинобар ин, аз рӯи мақсад ва самаранок истифода бурдани маблағҳои пулӣ аз тарафи аҳолӣ дар ҳамаи мавридҳо бояд ба баланд бардоштани рушди неруи инсонӣ таъсир расонад.

Тибқи маълумоти ҷамъбастии диаграммаи 25 дар маҷмӯъ респондентҳо ба саволи истифодаи маблағҳои пулиашон чунин изҳори назар карданд: дар бонк мегузорам, то ки даромад гирам – 359 нафар (7,2%), тиҷорат мекунам – 921 нафар (18,5%), ҷиҳози хона мехарам – 1265 нафар (25,4%), маҳсулоти истеъмолӣ мехарам – 2183 нафар (43,9%), маърака мегузаронам – 911 нафар (18,3%), дар бонк намегузорам – 600 нафар (12,0%) ва ва дигар – 146 нафар (2,9%).

***Диаграммаи 25. Тақсими респондентҳо доир ба истифодаи маблағҳои пулӣ (нафар)***




Тибқи савол оид ба гузоштани маблағ дар бонк бо мақсади гирифтани даромад – 359 нафар (7,2%) респондентҳо чунин изҳори назар кардаанд: амонати дархостӣ мегузорам – 191 нафар (53,2%), амонати муҳлатнок мегузорам – 168 нафар (46,8%).

Маълумоти мазкур дар диаграммаи 25.1 оварда шудааст.

***Диаграммаи 25.1 Бо мақсади гирифтани даромад аз рӯи амонатгузории маблағҳои пулӣ (нафар)***




Тибқи савол оид ба нагузоштани маблағ дар бонк – 600 нафар (12,0%) респондентҳо чунин изҳори назар кардаанд: боварӣ надорам – 154 нафар (25,7%), аз ноустувории қурб зарар мебинам – 110 нафар (18,3%), фоизҳо пастанд – 113 нафар (18,8%), фоида намегирам – 114 нафар (19,0%) ва муфид нест – 109 нафар (18,2%).

Маълумоти мазкур дар диаграммаи 25.2 оварда шудааст.

***Диаграммаи 25.2 Сабаби нагузоштани маблағҳои пулӣ (нафар)***




## 1.17. Кӯмаки навъи хизматрасониҳои бонкӣ ба муштариён

Тайи солҳои охир мушоҳида мегардад, ки пешниҳоди навъҳои мухталифи хизматрасониҳои бонкӣ қиёсан талаботҳои муштариёнро қонеъ гардонида, ҳамзамон такомул ёфта истодаанд.

Таъсироти сохтори навъҳои хизматрасонии бонкӣ ба фаъолияти муштариён аз аломатҳои мухталиф баҳои миқдорӣ дода мешавад, ки дар саволномаи пурсиш дарҷ гардидаанд.

Ба саволи дар маҷмӯъ ба фаъолияти респондентҳо кадом навъи хизматрасониҳои бонкӣ кӯмак мерасонанд, аз тарафи респондентҳо чунин ҷавобҳо дода шуд: 1 873 нафар (34,6%) – қарзҳои бонкӣ, 932 нафар (17,2%) – сари вақт дастрас кардани пули нақд, 210 нафар (3,9%) – интиқоли пули ғайринақдӣ, 344 нафар (6,4%) истифодаи кортҳои пардохт ва 208 нафар (3,8%) дигар навъи хизматрасонии бонкӣ. Барои ҷавоб додан ба саволи мазкур 1676 нафар (30,9%) мушкилӣ кашиданд (диаграммаи 26).

*Диаграммаи 26. Тақсимоти респондентҳо доир ба кӯмаки навъи хизматрасониҳои бонкӣ ба муштариён (нафар)*




## 1.18. Баҳои нуқтаҳои мубодилаи асъор

Савдои чаканаи асъори хориҷӣ дар байни аҳолӣ асосан ба воситаи нуқтаҳои мубодилаи асъор гузаронида мешавад. Аз ин хотир, сифати хизматрасонии нуқтаҳои мубодилаи асъор доимо беҳбудиро талаб менамояд.

Ин ақида аз рӯи маълумотҳои ҷамъбастии пурсиш доир ба омӯзиши сифати фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъор воқеъ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки он ба тариқи интихобӣ гузаронида шуда буд, муайян гардид. Сифати фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъор дар пурсишнома бо рангаи баҳодиҳии сатҳи хизматрасониҳо ишора шудааст.

Дар рафти пурсиш муқаррар карда шуд, ки фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъорро 693 нафар (13,9%) – хеле бад, 1604 нафар (32,2%) – бад, 1823 нафар (36,6%) – қаноатбахш, 337 нафар (6,7%) – хуб, 163 нафар (3,3%) – хеле хуб арзёбӣ намудаанд. Танҳо 366 нафар (7,3%) респондентҳо ба саволи мазкур аз ҷавоб додан мушкилӣ кашиданд. Маълумоти ҷамъбастӣ

доир ба баҳои хизматрасониҳои нуқтаҳои мубодилаи асъор дар диаграммаи 27 оварда шудааст.

**Диаграммаи 27. Тақсимоти респондентҳо доир ба баҳои хизматрасонии нуқтаҳои мубодилаи асъор (нафар, фоиз)**




## 1.19. Дастрасии маълумот доир ба хизматрасониҳои бонкӣ

Респондентҳо доимо кӯшиш менамоянд, ки аз иттилооти мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ барои истифода дар фаъолияти хеш бархурдор бошанд. Дар навбати худ, иттилоот, аз ҷумла маълумотнома доир ба хизматрасониҳои бонкӣ аз сарчашмаҳои гуногун дастрас карда мешавад.

Тибқи саволи пурсишнома 2284 нафар (29,7%) респондент ҷавоб доданд, ки аз телевизион ва радио, 888 нафар (11,6%) – аз рӯзнома ва маҷаллаҳо, 1803 нафар (23,5%) аз худи бонк, 1703 нафар (22,2%) аз ёру дӯстон, ҳамсояҳо, 300 нафар (3,9%) аз сомонаи бонк ва 147 нафар (1,9%) аз дигар сарчашмаҳо доир ба хизматрасониҳои бонкӣ маълумот дастрас намуда, мавриди истифода қарор медиҳанд. Маълумоти ҷамъбастӣ доир ба дастрасии иттилоот дар бораи хизматрасониҳои бонкӣ дар диаграммаи 28 оварда шудааст.

**Диаграммаи 28. Тақсимоти респондентҳо доир ба дастрас намудани иттилоот дар бораи хизматрасониҳои бонкӣ (нафар)**




## 1.20. Мушкилот доир ба истифодаи хизматрасониҳои бонкӣ

Таҷриба нишон медиҳад, ки байни бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурди дар ҷумҳурӣ амалкунанда рақобати солим дар ҳамаи ҷабҳаҳои фаъолият ба амал омада истодааст. Ташкилотҳои қарзӣ доимо саъю кӯшиш доранд, ки нисбат ба муштариёни худ сатҳу сифати хизматрасониро боз ҳам беҳтар намоянд.

Теъдоди 1130 нафар (21,5%) респондентҳо нисбат ба чунин мушкилот набудани пули нақд, 783 нафар (14,9%) – сари вақт анҷом надодани хизматрасониҳо, 367 нафар (7,0%) – набудани маблағҳои пулӣ, 485 нафар (9,2%) – гаронии ҳаққи хизматрасонӣ ва 712 нафар (13,5%) – дигар сабабҳоро баён намуданд. Дар ҷавоб ба саволи мазкур 1 780 нафар (33,9%) респондент мушкилӣ кашиданд.

Маълумоти ҷамъбастӣ доир ба мушкилот оид ба истифодаи хизматрасониҳои бонкӣ дар диаграммаи 29 оварда шудааст.

**Диаграммаи 29. Тақсимоти респондентҳо доир ба мушкилоти истифодаи хизматрасониҳои бонкӣ (нафар)**




## 1.21. Талаби маблағи иловагии ғайрирасмӣ барои хизматрасониҳои бонкӣ

Аз рӯи натиҷаҳои ҷамъбастии пурсиши гузаронидашуда маълум гардид, ки то ҳол аз тарафи кормандони ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми пешниҳод намудани хизматрасониҳои бонкӣ аз муштариён маблағҳои ғайрирасмӣ талаб карда мешавад.

Аз ин хотир роҳбарони бонкҳо уҳдадоранд доимо нисбати амали ҷой дошта аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намуда, чунин зуҳуроти номатлубро аз байн баранд, то ки ба фаъолияти низоми бонкӣ таъсири манфӣ нагузорад.

Теъдоди 179 нафар (3,6%) респондент изҳор дошт, ки кормандони бонк барои кушодани суратҳисоб, 374 нафар (7,5%) – барои гирифтани маблағи нақд, 195 нафар (3,9%) – барои интиқоли пул, 89 нафар (1,8%) – барои амонатгузорӣ, 90 нафар (1,8%) – барои гирифтани амонат, 244

нафар (4,9%) – барои гирифтани қарз ва 471 нафар (9,4%) барои дигар хизматрасониҳо маблағҳои ғайрирасмӣ талаб менамоянд. Аз маҷмӯи умумии респондентҳо 3374 нафар (67,3%) барои ҷавоб додан ба саволи мазкур мушкилӣ кашиданд. Маълумоти ҷамъбастӣ доир ба талаби маблағи иловагии ғайрирасмӣ барои хизматрасониҳои бонкӣ дар диаграммаи 30 дарҷ гардидааст.

**Диаграммаи 30. Тақсимоти респондентҳо доир ба талаби маблағи иловагии ғайрирасмӣ барои хизматрасониҳои бонкӣ (нафар)**



# ҚИСМИ 2.
# ТАҲЛИЛИ ДИНАМИКАИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ БОНКИЮ МОЛИЯВӢ

## 2.1 Динамикаи нишондиҳандаҳои демографӣ – иҷтимоӣ оид ба респондентҳо (шахси пурсидашаванда)

Тибқи маълумоти ҷадвали 1 дар солҳои муқоисашавандаи 2013-2014 шумораи респондентҳо аз рӯи ҷинс, ки дар пурсиш доир ба дастрасии хизматрасониҳои бонкию молиявӣ иштирок намудаанд, бо теъдоди 1 916 нафар, аз ҷумла 1 040 нафар мард ва 876 нафар зан зиёд шудааст. Бо бузургиҳои нисбӣ динамикаи респондентҳо дар маҷмӯъ ба 62,61%, аз ҷумла мардон – 47,99% ва занон ба 98,09% афзудааст. Ба таври аёнӣ динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо аз рӯи ҷинс дар солҳои 2013-2014 дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

***Ҷадвали 1. Динамикаи нишондиҳандаҳои шумораи респондентҳо аз рӯи ҷинс***

| **Ҷинс** | **Солҳо** | | **Афзоиш: зиёдшавӣ (+)/камшавӣ(-)** | |
|---|---|---|---|---|
| | **2013** | **2014** | **Мутлақ (нафар)** | **Нисбӣ (%)** |
| Мард | 2167 | 3207 | 1040 | 47,99 |
| Зан | 893 | 1769 | 876 | 98,09 |
| **Ҷамъ:** | **3060** | **4976** | **1916** | **62,61** |

